**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**УДК 1+297(575.3)**
**ББК 87+86.38(2тоҷик)**
С – 20

Бо ҳуқуқи дастнавис

**САИДОВ ДАЛЕР МУҲИБУЛЛОЕВИЧ**

# ТАЪСИРИ ГУРӮҲҲОИ ДИНӢ-ИФРОТИИ МУОСИР БА БЕХАТАРИИ МАЪНАВИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсия барои дарёфти**
**дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD,**
**доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа**

**ДУШАНБЕ-2020**

**Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ факултети фалсафаи ДМТ анҷом дода шудааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, декани факултети фалсафаи ДМТ

**Муқарризони расмӣ:** **Рустам Ҳайдаров** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, муовини директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Манғитов Машраб** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда:** **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Ҳимояи диссертатсия рӯзи 14 январи соли 2021 соати 10.00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___»______________соли 2020 фиристода шуд.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

# МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ.** Масъалаи таъсири равия ва ҳизбҳои тундраву террористӣ ба ҷомеаи муосир ва ҳаёти маънавии ба доғи рӯз табдил ёфтааст. Он вобаста ба равандҳои мураккабу мушкилоти замони ҳозира, мисли моҷароҳои милливу динӣ ва минтақавӣ, мушкилоти ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва иҷборӣ, инқилобҳои иҷтимоӣ, ривоҷи таассуби миллию динӣ, фаъолияти аҳзобу равияҳои ифротгарову террористӣ хеле афзудааст ва ҷаҳони муосирро ба яке аз мушкилоти хеле ногувор-мубориза зидди терроризми байналхалқӣ, гирифтор сохтааст. Модернизатсияи иқтисодию иҷтимоӣ дар кишварҳои Шарқи Наздику Миёна ба бунбаст дучор шуда, ба ҷунбиши пурқуввати бунёдгарони исломӣ, ки моҳияти ифротгароӣ ва террористӣ доранд, такони бештар бахшидааст.

Ҳодисаҳои солҳои охири ин минтақа, мисли "Баҳори арабӣ", ҷанги шаҳрвандӣ дар Либия, пайдоиши "Давлати исломӣ", ҷанги шаҳрвандии тӯлонии Афғонистон ва ғайра намунаи фаъолияти ҳамингуна ҳаракатҳои радикалӣ ва террористӣ мебошанд. Ҷиҳатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динии онҳо ва таъсири онҳо ба ҳаёти кишварҳои мазкур қариб ба ҳама ошкор аст ва таҳқиқотҳои зиёде дар ин бора анҷом гирифтаанд. Аммо таъсири манфии маънавии ин ҳодисаҳо ба ҷомеа ва натиҷаи харобкоронааш ба ҳаёти маънавӣ ба андозаи зарурӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор нагирифтааст.

Ақидаҳои зарарноку мутаассибонаи ин равияҳо маънавиёти ҷомеаро заҳролуд карда, воситаи ҷалби диндорон, хусусан ҷавонон ба амалиёти харобкоронаю террористӣ гардидаанд. Таълимоти онҳо ба рушди ҳаёти солими маънавӣ халал расонида мардуми ноогоҳро пойбанди ҳаргуна ақидаҳои манфие, ба мисли зӯроварӣ, ифротгароӣ, низоъҳои мазҳабию сиёсӣ месозанд, ки ба амнияти ҷомеа хатарҳои ҷиддие доранд. Дар ҷомеа мавқеъ гирифтани чунин ақидаҳо заминаҳои устувори ғоявӣ барои ифротгароӣ ба вуҷуд меоваранд, ки таъсири номатлуби он метавонад солҳои зиёде дар ҳаёти маънавии иҷтимоӣ эҳсос шавад.

Маънавиёт дар ҳама давру замон чун заминаи пешрафту тараққиёт ва ғояи созанда хизмат кардааст. Аз ин рӯ, зарар расонидан ба ҳаёти маънавӣ ва бетарафӣ зоҳир кардан ба ин масъала садди роҳи инкишофи ҷамъиятӣ мегардад ва мушкилот низ дар дунбол дорад. Таълимоти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ низ аз ин ќабил буда, нафақат хислати иртиҷоӣ доранд, балки сабаби ба бӯҳрони амиқи маънавӣ гирифтор гардидани қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ мегарданд. Таҳдиду харобкориҳои маънавии онҳо аз таъсири сиёсиву иҷтимоишон муассиртар аст. Алалхусус, ваќте идеологҳои онҳо ба аслҳое такия мекунанд, ки мазмуни ҳақиқии онҳо таҳриф шудааст ва ташхиси дурусти он ба оммаи мардум, махсусан ҷавонони аз дину сиёсат камогоҳ, мушкил мебошад. Аз ин рӯ кушодани моҳияти таълимоти онҳо ва нишон додани зарари маънавии ин таълимот аз вазифаҳои муҳимми улуми фалсафаи иҷтимоӣ ва фалсафаи сиёсат аст.

Вобаста ба ин, амнияти ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфта, нишон додани роҳҳои

пешгирии ин таҳдидҳо масъалаи ҳаётан муҳимми тамоми ҷомеа мебошад. Вазифаи таҳқиқоти мо аз он иборат аст, ки моҳияти масъала равшан карда шуда, ҷомеа аз ин таҳдидҳо огоҳ карда шавад ва роҳҳои пурсамари муборизаи зидди онҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардад. То ҳол бисёр масъалаҳое, ки моҳияти ин таҳдидҳо ва вазъияти ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири тоҷикро муназзам нишон дода, роҳу равишҳои самараноки пешгирӣ аз ин таҳдидҳоро муайян карда бошанд, ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудаанд. Ин кор, алалхусус, барои ҷомеаи Тоҷикистони имрӯза, ки оқибатҳои даҳшатноки ҷанги шаҳрвандиро паси сар карда истодаанд, хеле муҳим мебошанд. Масъалаи таъмини амнияти маънавӣ имрӯз дар ҷумҳурӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аз муҳимтарин масъалаҳои таҳқиқоти илмӣ маҳсуб мешавад.

Аҳмияти ин мавзӯъ инчунин дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқоти мазкур моҳияти таҳдидҳои маънавӣ аз ҷониби равияҳои тундраву ифротгаро баррасӣ шуда, таъсири номатлуби онҳо ба ҳаёти маънавии кишвар аз лиҳози фалсафӣ таҳлил мегардад, роҳу воситаҳои пешгирии ин таҳдидҳо ва таъмини амнияти ҳаёти маънавии Ҷумҳурӣ илман нишон дода мешавад. Баррасии масъалаи мазкур моҳияти зарарноки ин гурӯҳҳои динӣ-ифротиро боз ҳам равшантар месозад.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва баррасии масъалаҳои мухталифи таъмини амнияти маънавии ҷомеа, таъсири фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба амнияти маънавии ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим буда, таҳқиқоти илмии он саривақтӣ ва актуалӣ арзёбӣ карда мешавад. Барои гузаронидани чораҳои пешгирикунанда ва бартараф намудани ифротгароӣ ва терроризм зарур аст, ки нозукиҳои ин падидаи мураккаб ошкор карда шавад. Ҳамзамон, дар сатҳи баланд рушд намудани маънавиёти ҷомеа метавонад, чун воситаи асосии маҳдуд намудани фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар шароити муосир гардад. Ин гурӯҳо баҳри амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноки худ аз воситаҳои мухталиф истифода менамоянд. Пеш аз ҳама, онҳо ба зеҳнияти афроди ҷамъиятӣ таъсири амиқ расонидан мехоҳанд, то амнияти ҷомеа, аз он ҷумла, амнияти маънавии ҷомеа халалдор гардад.

**Сатҳи омӯзиши мавзӯъ.** Масъалаҳои мухталифи амнияти ҳаёти маънавӣ дар доираи афкори фалсафӣ ҳанӯз аз давраҳои атиқа мавриди таҳлили мутафаккирон қарор гирифта, дар даврони Асрњои миёна ва Нав бо равиши нисбатан мутафовит коркард шудаанд.[1] Ҷанбаҳои назариявии ҳаёти маънавӣ дар афкори фалсафӣ аз тарафи Ф. Аквинӣ, А.Бузург, М. Исповедник, М. Вебер, Г. Зиммел, Э. Дюркгейм, И. Кант, Гегел, Т. Гоббс, Ж. Ж. Руссо,[2] В.

[1] Антология мировой политической мысли. Т. 1.М., 2001; Радугин А.А. Хрестоматия по философии / Под редакции А.А.Радугина. -М., 2001; Хрестоматия политических и правовых учений. –М., 1991; Кумскова С.Н. История политических и правовых учений: Хрестоматия. - Новокузнецк: РИО НФИ КемГУ, 1998.

[2]Вебер М. Избранные произведения. М.: Прогресс, 1990; Зиммель Г. Избранные сочинения: в 2 т. М.: Юрист, 1996; Дюркгейм Э. Элементарные формы религиозной жизни. Тотемистическая система в Австралии (1912 // Мистика. Религия. Наука. Классики мирового религиоведения. Антология). М.: Канон+, 1998; Кант И. Трактаты и письма. М.: Наука, 1980; Гегель Г.В.Ф. Энциклопедия философских наук // Собрание сочинений: в 3 т. М. : Мир, 1974; Гоббс Т. Избранные произведения: в 2 т. М. : Мир, 1964. 2 т. С. 37–48; Руссо Ж.-Ж.: Pro et Contra. Изд-во: «Русская христианская гуманитарная академия», 2005; Августин Блаженный. О

Франкл, В. Е. Семенов, Г. Тард, Г. С. Батишев, А. Х. Горфункел, П. А. Сорокин мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.[3]

Масъалаи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва идеологияи ифротии исломӣ ба таври умумӣ дар корҳои муҳақиқоне ба мисли И. Добаев, С.Б. Дружиловскоий, А. Игнатенко, А. Куртова, А. Малашенко, Д. Малышева, Г. Милославский, Д.Ольшанский, Л. Полонская, Л. Сюкияйнен, И.Фадеева, М. Филиппов мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.[4]

Замина, шароит ва омилҳои мухталифи фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротиро дар доираи минтақаи Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон Г.Н Зокиров, Ғ.Ҷ. Мирзоев, И. Асадуллаев, Д. Назиров, М.Олимов, С. Олимова, С. Шарипов, А. Рахнамо, И. Усмонов, М. Давлатов, А.Шамолов, Н.Маҳмадизода мавриди омӯзиши илмӣ қарор додаанд.[5]

---

свободном выборе // Человек. Мыслители прошлого и настоящего о его жизни, смерти и бессмертии. М. : Политиздат, 1991.

[3]*Франкл В.* Человек в поисках смысла. М. : Изд-во «Прогресс», 1990; *Семенов В.Е.* Российская полиментальность и социально-психологическая динамика на перепутье эпох: Избр. науч. работы (1971–2007 гг.). СПб.: Изд-во СПбГУ, 2008; *Тард Г.* Социальная логика СПб.: Изд-во Социально-психологический центр, 1996; *Батищев Г.С.* Введение в диалектику творчества. СПб. : Изд-во РХГИ, 1997; *Горфункель А.Х.* Философия эпохи Возрождения. М.: Высш. шк., 1980; *Сорокин П.А.* Человек. Цивилизация. Общество. М.: Политиздат, 1992;

[4]Добаев И. Исторические и доктринальные корни исламского радикализма, его современные проблемы и течения // Центральная Азия и Кавказ. – 2001. – № 2(14); Добаев И. Радикальный ваххабизм как идеология религиозно-политического экстремизма // Центральная Азия и Кавказ. – 2002. – № 4(22); Добаев И. Радикальные политические институты исламского мира: этапы эскалации насилия // Центральная Азия и Кавказ. – 2001. – № 6(18);15 Дружиловский С.Б. Исламская модель развития как альтернатива вестернизации восточного общества // Мусульманские страны у границ СНГ. – М.: Институт востоковедения РАН, издательство «Крафт+», 2001; Игнатенко А. Исламский радикализм как побочный эффект «холодной войны» // Центральная Азия и Кавказ. – 2001. – № 1(13); Игнатенко А. Ваххабитский след в «битве при Манхэттене» // Россия и мусульманский мир. – 2002. – № 7(121); Куртов А. Государства Центральной Азии в условиях глобализации и возрастания исламского фактора // Казахстан-Спектр. – 2002. – № 4(22);Малашенко А. Ислам в центральноазиатском обществе: динамика воздействия // Форум: Центральная Азия в евразийской перспективе, Восток. – 1996. – № 5; Малашенко А. Акция возмездия приведет к росту влияния радикального ислама // Россия и мусульманский мир. – 2001. – № 12 (114); Малашенко А. Мусульмане в начале века: надежды и угрозы. – М.: Московский центр Карнеги, 2002. – № 7; Малышева Д. Исламско-фундаменталистский проект в реалиях современного мира // Мировая экономика и международные отношения. – 1999. – № 7; Милославский Г. Ваххабизм в идеологии и политике мусульманских стран // Ислам и политика. – М.: Институт востоковедения РАН, «Крафт+», 2001;Ольшанский Д. Психология террора. – Екатеринбург: Деловая Книга, М.: Академический проект, ОППЛ, 2002; Полонская Л.Р. Современные мусульманские идейные течения // Ислам – проблемы идеологии, права, политики и экономики. – М.: «Наука», 1985; Сюкияйнен Л. Ислам против ислама. Об исламской альтернативе экстремизму и терроризму // Центральная Азия и Кавказ. – 2002. – № 3(21); Сюкияйнен Л. Шариат и мусульманско-правовая культура // Центральная Азия и Кавказ. – 1999. – № 4(5); Фадеева И. Ислам и политический конфликт // Россия и мусульманский мир. – 2002. – № 6(120).; Филиппова М.И. «Исламский бум» глазами ориенталистов и социологов США // Ислам – проблемы идеологии, права, политики и экономики. – М.: «Наука», 1985.

[5]Зокиров Г.Н. Терроризм. –Душанбе, 1995; Мирзоев Г.Д. Особенности формирование и трансформақия исламского религиозного сознания таджиков. –Душанбе, 2011; Асадуллаев А.Политический ислам в Таджикистане заметки и наблюдения. Душанбе: 2009; Назиров Д. Религиозно-политический экстремизм и терроризм в Центральной Азии. Душанбе: 2006; Олимова С., Олимов М Местное самоуправление многоэтничным сообществами в странах СНГ. М.: 2001.. С. Шарипов. Регулирование отношений политической системой и исламом в таджикском национальном государстве//Построение доверия между исламистами и секулярисгами-таджикский эксперимент. Душаное, 2004; Рахнамо А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тољикистон.-Душанбе, 2011., Усмон Д. Исламский фактор в политических процессах России и стран Центральной Азии. М., 2009., Маҳмадизода Н.Д. Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ – сиёсӣ. Душанбе, 2019. 240 с.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар самти таъсири фаъолияти гурӯҳо ва иттиҳодияҳои ифротгарову радикалӣ ба маънавиёти ҷомеа рисола ё таҳқиқоти алоҳида то ҳол сурат нагирифтааст. Кори мазкур, маҳз ба омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои таъсири манфии фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба маънавиёти ҷомеа бахшида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Алоқамандии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо бахшҳои муҳимми илмӣ, лоиҳаҳои бузурги илмӣ ва ё корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.** Диссертатсия дар доираи Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами фалсафӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони муосир равона шудаанд,) иҷро гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот** – ошкор намудани таъсири ҷараёнҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи Тоҷикистон аст.

Барои амалӣ намудани мақсади мазкур **вазифаҳои зерини** назариявӣ ва амалӣ ба миён гузошта шуда ҳалли, худро ёфтанд.

- аз ҷиҳати назариявӣ муайян намудани муҳиммияти донишҳои назариявӣ барои таҳқиқи масъалаи омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеа дар шароити имрӯза;
- муайян намудани мафҳуми “амнияти ҳаёти маънавӣ” ва мазмуни мафҳумҳои ба он алоқаманд;
- омӯзиш ва баррасии амнияти маънавии ҷомеа;
- ошкор намдани таҳдидҳои асосӣ ба амнияти маънавии ҷомеа, муайян намудани роҳу воситаҳои таъмини амнияти маънавии ҷомеа дар шароити муосир;
- омӯзиш ва баррасии таъсири фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, чун таҳдид ба амнияти маънавии ҷомеа;
- омӯзиш ва таҳлили чорабиниҳо, шаклу усулҳои муқовимат ва нишон додани роҳҳои пешгирии таҳдидҳои гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик.

**Объекти таҳқиқот -** таъсири харобиовари гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба амнияти маънавии ҷомеаи тоҷик дар шароити Тоҷикистони муосир.

**Предмети таҳқиқот -** омӯзиши таъсири фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба амнияти маънавии ҷомеа.

**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқотро** корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои таъмини амнияти маънавии ҷомеа ташкил менамояд. Дар раванди таҳқиқ аз методҳои таҳлили мантиқӣ, муносибати системавӣ, таърихӣ, муқоисавӣ ва функсионалӣ истифода шудааст. Илова бар ин, дар таҳқиқоти мазкур таҳлили сиёсӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили сохториву арзишии ҳуҷҷатҳо ва маводҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Нововарӣ дар таҳқиқот:**

- Бо баррасии назарҳои мухталифи илмӣ бори аввал таъсири ғоявии равия ва ҳизбҳои динӣ-ифротӣ ва бунёдгаро ба ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, ҷиҳатҳои зерини он, ки нововарии рисоларо нишон медиҳанд ва таҳдидҳоро ба амнияти маънавӣ ифода мекунанд пешниҳод карда шудааст:

- мазмун ва мундариҷаи таълимоти ифротгароёни исломӣ мавриди таҳқиқи фалсафӣ, сотсиологӣ ва аксиологӣ қарор гирифта, моҳияти таъсири манфии онҳо ба ҳаёти маънавӣ нишон дода шудааст.

- ба таври илмӣ, воқеӣ таҳдиҳои асосии амнияти маънавии ҷомеа дар шароити имрӯза ба ҷӯз ифротгароёни исломи инчунин заминаҳои коҳиши маънавӣ ва фарҳангӣ ҷомеаи муосир баён шуда қайд гардидааст, ки муҳимтарин заминаи асосии таҳдиди амнияти маънавии ҷомеа сатҳи пасти маънавии қисме аз аҳолии худи ҷомеа аст.

- дар шароити имрӯза яке аз хусусиятҳои ҷаҳони муосир пайдоишу вусъати фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, ки ба мушкилоту хусусиятҳои ин давраи тараққиёти кишварҳои ҷаҳони ислом алоқаманданд, мебошанд, ки ба он боз сиёсатҳои худхоҳиву бузурги давлатӣ ва рақобати онҳо илова мешавад. Масъалаи мазкур ҳамаҷониба мавриди таҳлили илми қарор гирифта таъсири он ба амнияти маънавии баъзе кишварҳои ҷаҳони ислом аз ҷумла Тоҷикистон баён шудааст.

- роҳҳо ва воситаҳои асосии муқовимат ва пешгирӣ аз таҳдидҳои фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

- усулҳои муқовимат ва маҳдуд намудани таъсири фаъолияти мухталифи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ барои таъмини амнияти маънавии ҷомеаи тоҷик асоснок карда шуда, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеаи тоҷик мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Ҷанбаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:**

- бо баррасии назарияҳои мухталифи илмӣ масъалаҳои муҳимми ҳифзи ҳаёти маънавии ҷомеа дар шароити муосир муайян карда шудааст. Барои анҷоми ин кор зарур аст, ки тасаввуроти дуруст дар бораи ҳаёти маънавии ҷомеа дар шароити кунунӣ вуҷуд дошта бошад. Ба ин мақсад, таҳлили ҳамаҷонибаи илмии ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири тоҷик пешниҳод шудааст.

- таҳлили илмии ҳаёти маънавӣ ҷиҳатҳои гуногуни таҳқиқи он- фалсафӣ сотсиологӣ ва таърихию иҷтимоиро фаро гирифтааст. Чунин таҳқиқи комплексӣ метавонад воқеият, зуҳур ва мушкилоти ҳаёти маънавии ҷомеаро дуруст ифода намоянд.

- асоситарин таҳдидҳо ба ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик дар шароити имрӯза ошкор карда шудаанд, ки аксари онҳо ба инкишофи сатҳи маънавии худи ҷомеа вабастаанд. Дар асоси таҳлилҳо роҳҳо ва воситаҳои асосии таъмини амнияти маънавии ҷомеа муайян карда шудаанд.

-роҳҳо ва воситаҳои асосии муқовимат бо фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ мавриди таҳлилу баррасии васеи илмӣ қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки муқовимат ва маҳдуд намудани фаъолияти гурӯҳҳои мухталифи динӣ-ифротӣ аз як тараф, баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷомеаи тоҷик, аз дигар тараф, чун воситаҳои асосии пешгирӣ аз ин таҳдидҳо маҳсуб мешаванд. Дар таҷриба собит шуда, ки баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеа заминаи асосии маҳдуд намудани ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои номатлуб мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки роҳу воситаҳои самараноки пешгирии таҳдидҳо коркард шаванд, то ҳифзи амнияти маънавии ҷомеа тақвият ёбад. Дар рисола бисёре аз ин роҳу усулҳои муассир вобаста ба хусусиятҳои ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки истифодаи натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда, дар шароити таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ метавонанд ҳам ба дарки ҳифзи моҳияти маънавии ҷомеа ва ҳам роҳу усулҳои ҳифзи амнияти маънавӣ мусоидат намоянд. Ҳамчунин, хулоса ва тавсияҳои он метавонанд аз ҷониби сохторҳои давлатӣ истифода гардида, предмети баҳсу мунозираҳо ва санҷишҳо гарданд. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро метавон бо мақсади такмили минбаъдаи механизми рушди маънавии ҷомеа, ва таъмини амнияти маънавии он истифода намуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия асосҳои назариявии таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротиро дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ таҳқиқ кардааст. Дар доираи омӯзиши назарияҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, инчунин манбаъҳо, адабиёти илмӣ, ҳуҷҷатҳо, роҳу воситаҳои таъсири ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ ба ҷомеаи тоҷик, навъҳои ифротгароӣ, омилҳои паҳншавии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ дар Тоҷикистон ва роҳҳои мубориза ва пешгирии онҳо нишон дода шудааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот**. Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дастовардҳо ва натиҷаҳои илмии муаллиф дар ҷаласаи кафедраи номбурда муҳокима шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи апрелии устодону профессорони факултети фалсафаи ДМТ, инчунин, дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза шудаанд. Аз ҷумла, Саидов Д.М. Ифротгароӣ аз нигоҳи илмию динӣ / Саидов Д.М. //. Нақши иниститутҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ:-Душанбе., 2018.-С.317-323., Саидов Д.М. Таъмини бехатарии маънавии ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун шарти муқовимат бо фаъолияти ҳаракатҳои муосири ифротии исломӣ / Саидов Д.М. // Паёми ДМТ.-Душанбе., 2018.-С.159-163., Саидов Д.М. Ҷараёнҳои муосири ифротии исломӣ ҳамчун объекти таҳлили фалсафӣ / Саидов Д.М. // Паёми ДМТ.-Душанбе., 2018.-С.159-164., Саидов Д.М. Таъсири харобиовари ҷараёнҳои муосири ифротии исломӣ ба ҷомеаи муосир / Саидов Д.М. // Паёми ДМТ.-Душанбе., 2018.-С.190-193

**Тасвиби натиҷаҳои илмии диссертатсия.** Натиҷаҳои илмии рисола дар 5 номгӯи таълифоти илмии муаллиф, аз ҷумла, дар 1 кори илмӣ-методӣ, 4 мақолаи илмӣ ифода ёфтаанд, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боби фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гаштааст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ асоснок мешавад, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои он муайян мешавад, навовариҳои илмӣ, принсипҳои методологӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола ошкор карда мешаванд, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, шакл мегиранд, маълумот оид ба таъйиди натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва мӯҳтавои рисола оварда мешавад.

**Боби 1. Заминаҳои назариявӣ-методологии ҳаёти маънавии ҷомеа дар шароити муосир** номгӯзори шуда, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал: **«Аҳамияти омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеа барои ҳифзи бехатарии он»** баён гардидааст. Дар шароити муосир, тағйирпазирии тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, қувват гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, рӯи саҳнаи таърих омадани иштирокчиёни нави равандҳои сиёсӣ, мураккабтар гардидани тафриқаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ боиси пайдоиши як қатор масъалаҳо гардидаанд, ки дарки илмиву назариявии онҳо зарур ва ҳатмӣ шуморида мешавад. Ин масъалаҳо, дар навбати аввал, ба амният ва рушди бемамониати ҷомеа таъсири амиқ расонида, низом ва сохтори муосири ҷомеаро халалдор мекунанд. Яке аз ин масъалаҳое, ки ба амнияти ҷомеа таъсири зиёд мерасонад ва ба назар нагирифтани он ҷомеаро ба бунбаст мебарад, тағйиротҳо дар ҳаёти маънавии ҷомеа аст.

Маънавиёт ифодакунандаи маърифати инсон, моҳияти ҳастии ӯ, мақому мартабааш дар ҷомеа ва мазмуни ҳаёти инсонӣ мебошад. Агар мо ин таърифро ба таври куллӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем, пас маънавиёт шароит, авомил ва воситахое мебошад, ки инсоният имрӯз барои нигоҳдории худ эҳтиёҷманд ба он аст ва танҳо зимни инкишофи он, бо истифодаи имкониятҳои ҳаёти маънавӣ, рушди устувори худро метавонад таъмин созад. Ҷамъият ва шахс дар партави он, дар оянда, метавонанд ба комёбиҳои имрӯза чизи тозае зам кунанд.

Асосан, маънавиёт мафҳуме аст, ки дар фалсафа, дин ва илоҳиётшиносӣ бештар истифода мешавад. Вале вақте инкишофи ҳаёти маънавиро дар назар мегирем, он чун ҷавҳари мустақили маънавӣ, ки эҷодкорӣ ва ҳадафсозии инсонро дар бар гирифта, ояндаи инсоният ва оламро муайян мекунад, бе истифодаи дастгоҳи истилоҳӣ-мақулавии фалсафаи иҷтимоӣ моҳияти масъала равшан намешавад. Мафҳуми маънавиёт на танҳо дар нисбати ҳаёти

маънавӣ, ки хеле мафҳуми васеъ аст, балки дар нисбати “истеҳсолоти маънавӣ”, “фарҳанги маънавӣ” ва ғайра истифода шавад ҳам, мазмуни он гуногунҷабҳа буда, то ҳол дар байни муҳаққиқон мавриди баҳс аст. Дар доираи назарияи антропологияи фарҳангӣ он олами ботинии инсон, ҷаҳони маънавии шахсиятро ифода мекунад.

Вобаста ба масъалаи баррасишаванда, файласуфи рус С. Д. Франк шакли мураккаб ва дақиқи фалсафаи иҷтимоиро, ки аз навъҳои мухталифи маънавиёт иборат аст, нишон додааст. Ӯ ҳаёти маънавиро аз ду ҷанба: ҳаёти маънавии ҷомеа ва ҳаёти маънавии шахсият иборат медонад. Ҳаёти маънавии ҷомеа бо дин ва ахлоқ алоқаманд аст, ки меҳвари он ҳамон маънавиёт ба ҳисоб меравад, ки дар озодӣ, одобу ахлоқ, некӣ ва эҷодиёт ифода карда шудааст. Ҳаёти маънавии шахсӣ аз фаъолияти доимии дохилӣ дар ҷустуҷӯи ҳастии фардӣ ва ҷамъиятӣ бармеояд.[6]

Равиши дигари омӯзиши ҳаёти маънавӣ – методи фалсафӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт метавон идеяҳои И. Кантро махсус қайд кард, ки низоми фалсафии таҳлили тамоми навъҳои маънавиётро пешниҳод намудааст. Ӯ қайд кардааст, ки ба инсон ҳамчун махлуқи боақл сифатҳои моддӣ ва маънавӣ хос аст, ки ҷанбаи маънавиву, ахлоқӣ асосӣ ҳисобида мешаванд. Файласуфи олмонӣ ба ахлоқ мафҳуми «императивии қатъӣ»-ро ворид намудааст, ки танзимкунандаи рафтори ахлоқии инсон ба ҳисоб рафта, аз як тараф воситаи таъмини амнияти маънавии инсон ҳамчун дараҷаи олии назорати дохилӣ баромад мекунад. Барандаи маънавиёт худи инсон аст. Дин наметавонад, ки ба одобу ахлоқ таъсир расонад, эътиқоди инсон ба Худо ин натиҷаи ахлоқи дохилӣ аст, ки сарҳад надорад.[7]

Амнияти маънавӣ қисми таркибии амнияти ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, дар он таҳдидҳое ҷой доранд, ки бо муносибатҳои маънавӣ алоқаманд мебошад. Ба ҷои арзишҳои харобгардидаи анъанавӣ, дар раванди модернизатсия унсурҳои тамаддуни ғарб иқтибос карда мешаванд, ки дорои хусусияти намоишӣ мебошанд: нишондиҳандаҳои истифодабарӣ, унсурҳои тарзи ҳаёт, намунаи тафаккур, намунаҳои фарҳанги корӣ ва ғайра. Маҳз дар ин самт масъалаҳое пайдо мешаванд, ки бо қабул нагардидани шаклҳои нави фаъолият аз тарафи ҷомеа, маҳкумкунии онҳо ҳамчун омили харобиовар барои маънавиёт ва ахлоқу фарҳанг алоқаманд мебошанд. Аз тарафи дигар, интегратсия нагардидани навъҳои нави фаъолияти маънавӣ ба низоми иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа ба маҳдуд гардидани ленгитимияти онҳо дар доираи низоми дигари арзишҳо, ки аз тарафи ҷомеа аз худ нашудааст, оварда мерасонад.

Ҳаёти маънавӣ аз арзишҳо ва меъёрҳои маънавӣ, талаботҳои маънавӣ ва навъҳои фаъолияти маънавӣ, манфиатҳо ва шаклҳои муошират иборат аст, ки аз як тараф, ҳар як шахс ба ҳаёти маънавӣ тавассути фаъолияти моддӣ дохил мегардад, ки бе меъёрҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, сатҳи муайяни дониш, ақидаҳои сиёсӣ, усулҳои ҷаҳонбинӣ ва инчунин бе шаклҳои мушаххаси иртиботи он

[6]Франк С.Л. Сочинения.-М.: Правда, 1990. - С. 72.
[7] Кант И. Сочинения: в т.6.-М., 1964–1966. т.4 . -С. 274.

ғайриимкон аст. Аз тарафи дигар, он арзишҳои маънавӣ эҷод мекунад, ки на танҳо ҷузъи ҷаҳони ботинии инсон ҳастанд, балки метавонанд ба соҳаи маънавии муошират ё дастоварди тамоми фарҳанги дохил шаванд.

Зербоби дуюм «**Таҳқиқи фалсафӣ-иҷтимоии истилоҳи амнияти ҳаёти маънавии ҷомеаи муосир**» номгӯзори шудааст. Масъалаи таъмини амният аз давраҳои қадим мавҷуд буда, дар асоси пайдоиши талабот ба ҳимояи маскан ва ҳудуд, ҳаёти худ ва наздикон, муқкадасот ва ғ. ба миён омадааст. Хатару таҳдидҳо дар ҳама ҳолат ҷой доштанд ва дар ин замина, таъмини амният яке аз талаботи асосии инсон ва ҷомеа гардид, ки қонеъ сохтани ин талабот дар давраҳои мухталифи инкишофи таърихӣ на танҳо аз сатҳи давлатӣ рушди умумии иқтисодӣ, ва фарҳанг, балки дар сатҳи рушди худи инсон, сатҳи маълумотнокӣ ва маҳорати ӯ муайян карда мешавад.

Яке аз аввалин файласуфон, ки ба масъалаи мазкур диққат додааст, Ҳераклит ба ҳисоб меравад. Таълимоти Ҳераклитро метавон таълимоти кайҳонмарказӣ номид, зеро сарчашмаи тамоми хатару таҳдидҳоро аз кайҳон медонад. Ҳекраклит қайд менамояд, ки кайҳон ин “оташи абдии зинда» аст. ва “абадият – ин кӯдакест, ки ба бозии шоҳмот машғул аст”.[8] Албатта, чунин образи ҷаҳон, инсонро ба даҳшат меорад, зеро кӯдак на ба бунёд намудан, балки бештар ба хароб ва вайрон кардан машғул аст. Аз тарафи дигар, чунин образи ҷаҳон диққатҷалбкунанда аст, зеро маҳз бозӣ шакли озоди фаъолияти инсон ба ҳисоб меравад.

Афлотун ва Арасту дар асоси омӯзиш ва баррасии масъалаҳои мухталифи амният ва бехатарӣ ба чунин хулоса омадаанд, ки сарчашмаи таҳдид ва хатарҳо сохтори давлат ба ҳисоб меравад. Кафолати бехатарӣ дар ҳамон ҳолат пайдо мешавад, агар халқ ҳукмронии худро дарк намояд. “Сохтори демократӣ амнияти бузургро пешниҳод менамояд, зеро дар он ҷазодиҳӣ кам ба миён меояд. Худ ба муқобили худ ҷазодиҳиро истифода намекунад, зеро, ки халқ эътироз намекунад”.[9]

Бунёди навъи муқаррарии ҷомеа ва амнияти он ба тақсимоти ақлонии меҳнати ҷамъиятӣ ва самтгирии мувофиқи касбии шахсият мусоидат менамояд, ки ба ҳар як аъзои ҷомеа имконият медиҳад, мувофиқи касби худ ҳамчун шахсият ташаккул ёбад. Ҳукуматро зарур аст, ки байни касбҳо якрангии маънавиро нигоҳ дорад, то ки эҳсосоти иҷтимоии фардиятҳои ин ё он касб барои дигар синфҳо, дар асоси мавҷуд набудани монандии ахлоқ ва ақидаҳо, бегона нагардад. Дар чунин ҳолат якрангии функсионалӣ боиси якрангии маънавӣ мегардад, ки дар натиҷа, эҳсосоти коллективӣ метавонанд кӯшишҳои марказгурезро ба вуҷуд биёранд ва ин кӯшишҳо дар асоси тақсимоти меҳнат пурзӯр гардида, ба заиф гардидани коллектив оварда мерасонанд.[10]

Дар натиҷа, мазмуну мундариҷаи шуури коллективӣ тағйир меёбад ва шаклан дигар мешавад. Арзишҳои маънавии тақсимоти меҳнат дар нигоҳ

---

[8] Материалисты Древней Греции.-М.: Политиздат, 1955. -С.47.
[9] Аристотель. Сочинения: в т.4.-М.: Мысль, 1983. -С.528.
[10]Ҳамон ҷо. –С.274–275

доштан ва маҳдуд намудани худпарастии инсон мусоидат мекунад, зеро маҳз меҳнат сарчашмаи муҳимми ҳамфикрии иҷтимоӣ маҳсуб мешавад. Ҳамин тариқ, метавон натиҷагирӣ намуд, ки тақсимоти меҳнат ҳамчун сарчашмаи ҳамфикрии иҷтимоӣ хидмат карда, шароити ташаккули инсонро ҳамчун вуҷуди иҷтимоӣ бунёд менамояд. Ҳамзамон, муносибатҳои ҷамъиятӣ, риояи меъёр ва қоидаҳои маънавӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро ба инобат гирифта, ба ҳамкории доимии гурӯҳҳои касбӣ мусоидат менамояд ва дар таъмини амнияти ҷомеа саҳмгузорӣ мекунад.

Дар фалсафаи постмодернизм ба механизмҳои таъмини амният диққати махсус равона карда мешавад. Н.Лукман дар парадигмаи низомии омӯзиши хатар ва таҳдид нишон медиҳад, ки рушди унсурҳои низоми иҷтимоӣ ба зиёдшавии дифференсиатсия мусоидат менамояд, ки ба мустақилияти ин унсурҳо ва баланд гардидани нозукии низоми иҷтимоӣ оварда мерасонад. Ба хотири маҳдуд намудани масъалаҳои амниятӣ, зарур аст, ки алоқаҳои сохтории низомҳои иҷтимоӣ тағйир дода шаванд.[11]

Равандҳои трансформатсионӣ дар ҷомеаи мусоир, дар сохтор, фарҳанг ва амалишавии он дар асоси прогресси илмӣ-техникӣ ба миён омадаанд, ки дар як ҳолат барои инсоният ҳам имкониятҳои бузург ва ҳам натиҷаҳои манфӣ, аз он ҷумла, дар соҳаи маънавӣ, ба вуҷуд овардаанд. Аз ин хотир, ба шуури ҷамъиятӣ ва фардӣ таъсир расонида, тараққиёти иҷтимоӣ метавонад ба хатар ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ оварда расонад. Ҳамчунин шаклҳои нави ҳамфикрӣ ва ҳам моҷароҳоро тавлид намуда, характери амалишавии ниҳодҳои иҷтимоиро метавонад дигаргун намояд. Соҳаи иҷтимоӣ тамоми самтҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷомеаро дар бар мегирад. Унсурҳои соҳаҳои мухталифи ҷомеа байни якдигар алоқаманд буда, дар ҳар яке аз онҳо асосҳои иҷтимоӣ мавҷуданд. Навъҳои зикргардидаи амният бо амнияти миллӣ интегратсия мешаванд.

Хулоса, амнияти устувори ҷамъиятӣ дар ҷомеаи муосир танҳо дар асоси фарҳанги рушднамуда ва тамоми соҳаҳои маънавии он, ки ба ташаккули шахси соҳиб маълумот, озод ва эҷодкор мусоидат менамояд, вобаста аст.

Мутафаккирони давраҳои мухталифро амнияти маънавии ҷомеа ба ташвиш овардааст. Зеро инсон аксар вақт бо ҳолатҳои гуногуни хатарнок рӯ ба руст. Аз ин хотир, зарур аст, ки боғайрат ва нотарсу ҷасур бошаду бо хатару таҳдидҳо муқовимат намуда тавонад. Дар чунин ҳолат имконияти нигоҳ доштани амнияту бехатарӣ бештар мегардад. Таъмини амнияти маънавӣ яке аз қисмҳои таркибии амнияти умумӣ буда, ҳанӯз аз давраҳои қадим донишмандони гуногуне роҳу воситаҳои мухталифи таъмини амнияти ҷомеа, аз ҷумла, амнияти маънавиро мавриди баррасӣ қарор дода, ақидаҳои ҷолиб баён намудаанд, ки то имрӯз арзишашонро аз даст надодаанд ва чун сарчашмаҳои эътимодбахши илмӣ баромад мекунанд.

Зербоби сеюми боби якум: **«Таъсири манфии идологияи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба рушди маънавиёти ҷомеа»** номгӯзори шудааст. Дар

[11]Luhmann N. Soziologie des Risikos.-Berlin; N.-Y. : 1991- P. 28–29.

даврони муосир атрофи мафҳуми “ифротгароӣ” муҳаққиқони зиёде ибрози назар намудаанд. Лекин то ба имрӯз мазмуне, ки умум эътироф карда бошанд, ҷой надорад. Аксаран, ифротгароиро ҳаракате, ки дорои сифатҳои манфии ба ҳадди ниҳоӣ расида дар сиёсат, дин ва дигар фаъолиятҳои иҷтимоӣ медонанд, ки барои амнияти мардум хатарҷост. Масалан, мақсади ифротгароёни исломӣ барпо намудани хилофати исломӣ дар асоси шариат, таълимоти Қуръон ва суннат аст. Онҳо бо ҳар роҳе набошад, мехоҳанд бо мақсадҳои худ, ҳарчанд бо истифодаи зурӣ, ва ҷанг бошад ҳам, бирасанд. Ифротгароӣ ба маънии таассуб низ истифода мешавад, ки он метавонад динӣ, миллӣ, сиёсӣ ва ғ. бошад. Табиати ифротгароӣ бо терроризм аз баъзе ҷиҳатҳо ҳамоҳангӣ дошта бошад ҳам, лекин мафҳуми “терроризм” нисбат ба мафҳуми “ифротгароӣ” мураккабтар аст.

Хусусиятҳои харобиовари ифротгароиро шарҳу эзоҳ дода, ҳарчанд то ҳол таърифи мушаххаси ин мафҳум дар адабиёти илмӣ ҷой надорад, метавон маънии воқеии ифротгароиро ошкор кард. Дар чунин ҳолат зарурат пайдо мешавад, ки роҳу воситаҳо ва заминаҳои ташаккули ифротгароӣ ва ба амалҳои террористи шавқу рағбат доштани ифротгаро ошкор карда шавад. Яъне, танҳо бо шарҳи ҳамаҷонибаи таълимоти ифротгароӣ ва ба назар гирифтани амалияи харобиовари он моҳияти ин мафҳумро ошкор сохтан мумкин аст.

Пас, ифротгароӣ чист? Ифротгароӣ (Экстремизм) (аз калимаҳои франсавии extremisme, лотинии extremus – ниҳоӣ (охирин) гирифта шуда, ба маънои аз нуқтаи назари ниҳоӣ пойбанд будан ё мутеъ гаштан аст.[12]. Пас, мафҳуми ифротгароӣ ниҳоят мураккаб буда, ба ақидае аз ҳад зиёд пойбанду ҳавохоҳ буданро нишон медиҳад, ки чизе наметавонад садди роҳи ин андешаҳо бишавад. Яъне, «ифротгароӣ» он шакли фаъолияти сиёсист, ки бевосита ё бавосита принсипҳои демократиро инкор мекунад[13].

Муҳақиқи тоҷик Маҳмадизода Н.Д. иброз менамояд, ки «ифротгароӣ идеология ва таҷрибаи як қатор гурӯҳҳои ифротӣ, арбобҳои сиёсӣ – ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва мазҳабӣ буда, мақсади асосиашон бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохтори давлат ва ҷомеа мебошад. Ҳамин тавр, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, ки дар дилхоҳ шароит бо воситаи зӯрӣ, таҷовуз мақсаду мароми тағйир додани сохтори ҷомеаро доранд ва назару ақидаи онҳо зидди ғояву ақидаи дар ҷомеа ҳукмрон аст ифротгароӣ мебошад».[14]

Ба таври умумӣ, метавон натиҷагирӣ намуд, ки дар ифротгароӣ тардиди қонунҳои давлатҳои дунявӣ ва меъёрҳои фарҳангии умумибашарӣ ҷой дорад. Ифротгароӣ ин зуҳуроти номатлубест, ки дар он вайрон намудани низоми мавҷудаи иҷтимоиву фарҳангӣ мушоҳида шуда, моҳиятан, раванди зиддитамаддунӣ ба ҳисоб меравад. Ба таври куллӣ, ифротгароиро ба маънии

---

[12] Ничипоренко О.М. Истоки и специфика российского политического экстремизма / Маҷмӯи мақолаҳо / О.М. Ничипоренко // Актуальные проблемы России.-1997.-№4.-С.165-172.

[13] Политическая энциклопедия // Учебник //Экстремизм В.Т.2.-Изд-во «Мысль» 2000.-С.637-638.

[14]Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. *Монография* / Н.Д. Маҳмадиев //-Душанбе, 2013. – С.11.

ифрот (аз ҳадди зарурӣ зиёд нишон додани мафҳуме ё чизе) ва тафрит (аз андозаи зарурӣ кам нишон додани мафҳуме ё чизе) дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ метавон маънидод кард. Ҳар гуна тафрит дар ақида ба ифротгароӣ мебарад.

Солҳои охир таҳаввулоти микдорӣ ва сифатии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ мушоҳида мешавад. Дар асоси таъсири ҳодисаву воқеаҳои алоҳидаи минтақавӣ, ба таври дақиқ ва саҳеҳ муайян намудани гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ғайриимкон аст. Дар асоси гурӯҳҳои динӣ-ифротии мавҷуда, ҷалби захираҳои зиёди инсонӣ мушоҳида мешавад. Ба назари мо, маҳз зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳони ислом дастгирии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, ки дар фаъолияти худ аз ақоиди динӣ фаровон суистифода менамоянд, рӯз аз рӯз зиёд гардида истодааст.

Мувофиқи изҳороти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, дар ояндаи наздик сарҳадоти давлатҳое, ки дар он ифротгарон фаъолият менамоянд, васеъ гардида, барои бунёди давлати ягонаи исломӣ заминаи боэътимод ба миён меояд. Ҳамзамон, ин гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дастовардҳои илму техникаро ба манфиатҳои худ истифода мебаранд. Масалан, онҳо аз воситаҳои муосири коммуникатсионӣ моҳирона истифода намуда, алоқамандиву пайвандии байни якдигарро таъмин мекунанд. Илова бар ин, тавассути дастовардҳои илмиву техникӣ онҳо нақшаҳои характери зӯроваронадоштаи худро бе монеа амалӣ мекунанд. Инчунин гурӯҳҳои диниву ифротии муосир аз воситаҳои ахбори умум низ ба таври васеъ истифода мекунанд. Маҳз бо чунин амал онҳо нақша доранд, ки ба доираи васеи одамон таъсир расонанд ва вазъиятро дар ҷомеа ноором сохта, ба ғаразҳои нопоки худ бирасанд.

Боби дуюми рисола **«Фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ таҳдиди асосии амнияти маънавии ҷомеаи тоҷикистон»** ном гирифтааст.

Зербоби аввали боби мазкур **«Таҳдидҳои асосии ифротгароии динӣ ба амнияти ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ»** ном гирифтааст.

Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати карахтии сиёсӣ-идеологӣ рӯ ба рӯ шуд ва гурӯҳҳои мухталифе бо истифода аз халои фикрию сиёсӣ ба хотири ба даст овардани қудрати сиёсӣ, бо дастгириву сарпарастии хориҷиён қувва ва маблағҳои зиёдеро барои ба ҷониби худ ҷалб намудани неруҳои нав аз ҳисоби насли ҷавон, сафарбар намуданд. Салафиён низ мубориза худро дар солҳои 90-уми садаи гузашта дар Тоҷикистон бо ҳамин мақсад оғоз намуданд. Бояд фаромӯш насозем, ки як қисми масъулону аъзоёни ниҳоят мутаассиб ва гурӯҳи ифротию террористии ҲНИ маҳз онҳо буданд, ки бо амалҳои тахрибкоронаашон сабабгори сар задани ҷанги дохилии Тоҷикистон гардида буданд.

Сайри таърихии ин масъала нишон медиҳад, ки гурӯҳи динӣ-ифротии Салафия ба сифати ҷунбиши сиёсӣ ва динӣ ибтидо дар партави мазҳаби Ҳанбалӣ созмон ва бо мурури замон ба як ҷараёни фикрию сиёсӣ ва мафкуравӣ табдил ёфта, бо мазоҳиби анъанавии исломӣ, бахусус мазҳаби Ҳанафӣ, ба набарди сиёсӣ-мафкуравӣ пардохт. Таърихи пайдоиш ва инкишофи гурӯҳи ифротии Салафия ин нуқтаро собит месозад, ки он дар

садаи XIV милодӣ дар асоси афкору андешаҳои Ибни Таймия зуҳур карда, пояҳои фиқҳию ақидатиаш ташаккул ёфтаанд.

Муҳаққиқи рус Л.Б. Маевская ҳаёт ва фаъолияти Ибни Таймияро таҳлил карда, иброз менамояд, ки таълимоти ӯ бо гузашти қарнҳои зиёд низ ба ташаккулёбии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ таъсир расонида истодааст. Гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар раванди тартиб додани идеологияи ифротиашон ақидаҳо ва назари Ибни Таймияро ҳамчун асос қабул менамоянд. Масалан, унсурҳои таълимоти ифротии ӯро дар идеологияи гурӯҳҳои динӣ-ифротии монанди "Салафия", "Ваҳҳобия", "Ҷамоати исломӣ", ва "Ҳизб – ут - Таҳрир" мушоҳида кардан мумкин аст[15]. Ба ҳамин хотир, барои пешгирии паҳншавии гурӯҳҳои ифротӣ зарур аст, ки садди роҳи паҳншавии таълимоти динӣ – ифротии Ибни Таймия гирифта шавад.

Ҷомеаи башарӣ ба марҳилаи тамаддуни иттилоотӣ дохил шудааст ва гурӯҳи ифротии Салафия низ аз ин устокорона истифода менамоянд. Нигаронкунанда аст, ки имрӯз насли нави салафиёни ҷадид ё модерн ташаккул ёфта истодааст, ки дар зоҳир ба дунявиён монананд ва ботинан ашаддитарин пайравони ҷараёни салафианд. Онҳо барои фиреби назар ва ошкор накардани симои воқеии хеш аз тарзи либоспӯшии аврупоӣ, шеваи муоширати маданӣ, муколамаи фарҳангӣ ва гаштугузори имрӯзӣ истифода карда, ба фазо ва муҳитҳои иҷтимоӣ роҳ меёбанд, дар сохторҳои расмӣ - давлатӣ ҷойгоҳ пайдо менамоянд ва бо ин роҳ ба арсаи сиёсати дунявӣ қадам ниҳода, низоми давлатдории дунявиро аз дарун хароб кардан мехоҳанд.

Яке аз тамоюлотҳои инкишофи ҷамоатҳои салафиён дар он аст, ки онҳо бо ҳар роҳу восита фаъолияти худро пардапӯш менамоянд. Саркардагони ин гурӯҳҳои динӣ- ифротӣ аъзоёни фаъолро дар сохторҳои қудратӣ ва давлатӣ ҷой карда, онҳоро ба мақсадҳои сиёҳи худ истифода менамоянд. Ба ақидаи муҳаққиқи рус А. Малашенко, муваффақияти салафиҳоро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки онҳо дар байни тоҷирон ва мақомотҳои идоракунандаи маҳаллию шаҳрӣ тарафдор доранд[16].

Ҳамзамон, идеологҳои салафия тариқи мағзшӯии ҷавонони гумроҳ онҳоро тавре омода месозанд, ки дар дилхоҳ муҳорибаҳое, ки дар онҳо аз пуштибонии дин ёд мешавад, хоҳиши иштирок кардан доранд. Масалан дар вазъияти кунунии Сурия, Ироқ ва Афғонистон фаъолияти таҳрибкории чунин гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ, алалхусус дар ҳудуди «Давлати исломӣ», равшан ба мушоҳида мерасад. Зиёдтар аз ин, иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон дар сафҳои ин гурӯҳҳои ифротӣ ва террористӣ дер боз боиси ташвиши ҷиддии роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ИДМ гаштааст. Дар давоми 5 соли ҷангу низоъ дар Сурия ва Ироқ шумораи шаҳрвандони ИДМ, ки ба гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва

[15] Маевская Л.Б. Идеология ибн Таймии как фундамент для формирования ваххабизма / Л.Б. Маевская // Вопросы духовной культуры – исторические науки. [Электронный ресурс]. http: // dspace. nbuv.gov.ua / bitstream / handle / 123456789/46501/30 (дата обращение к сайту 10.11.2018)

[16] Малашенко А. Ислам на современном Урале / А.Малашенко. А. Старостин. [Электронный ресурс]: https//carnegie.ru/2015/04/23/ru-pub-59854 (дата обращения 12.12.2017)

террористӣ шомил гашта онҳо қариб ба 7000 нафар расида, аз он шумор беш аз 1500 шаҳрвандони Тоҷикистон низ дар ҳайати Давлати исломӣ қарор доранд. Маълум аст, ки баргаштани ашхоси аъзои гурӯҳи динӣ ифротӣ ва террористии "Давлати исломӣ" ба Тоҷикистон метавонад, вазъияту орому осудаи иҷтимоӣ – сиёсӣ ва диниро халалдор намояд. Вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки пеши роҳи баргаштани онҳо бо тамоми роҳҳо ва воситаю усулҳо гирифта шавад.

Дар байни гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ «Ҳизб – ут – Таҳрир» хеле маъруф аст, ки мақсадаш бунёди хилофати исломӣ аст. Тибқи ақидаи диниву иртиҷоии "Ҳизб – ут - Таҳрир", масъалаи асосӣ барои тамоми мусулмонони ҷаҳон таъсиси давлати исломӣ дар шакли хилофат ва таъйини халифаи ягона мебошад. Ҷонибдорони ин равияи динӣ-ифротӣ душманони ашаддии демократия ҳастанд. Онҳо зидди ҳама гуна ҳуқуқу озодиҳои инсон баромад намуда, озодии виҷдон, озодии дин ва мавҷудияти давлати қонуниро инкор мекунанд.

Мувофиқи маълумотҳои Институти тадқиқотии этнологии маркази илмии ш.Уфаи АИ ФР то соли 2013 ҳайати гурӯҳи динӣ-ифротии «Ҳизб-ут-Таҳрир» дар доираи тамоми Русия куллан тағйир ёфтааст. Аъзоёни ин гурӯҳи динӣ-ифротӣ, аслан ҷавонони 18 то 30- сола буда, ба қавму миллатҳои гуногун тааллуқ доранд. Яъне, ҳайати ин гурӯҳи ифротӣ аз ҳисоби славиянҳо зиёд гаштааст. Байни аъзоёни гурӯҳи ифротии «Ҳизб-ут-Таҳрир» ҳиссаи онҳое, ки маълумоти олӣ доранд, бартарӣ дорад. Аъзоёни фаъоли ин гурӯҳи динӣ-ифротӣ фарзандони оилаҳои аз ҷиҳати моддӣ таъмин мебошанд. Сафи аъзоёни ин гурӯҳ аз ҳисоби занон низ зиёд гашта истодааст. Синну соли миёнаи аъзоёни ин гурӯҳи динӣ-ифротӣ 27 солро ташкил медиҳад[17].

Дигаре аз гурӯҳҳои динӣ-ифротии дар манотиқи гуногуне амалкунанда «Ҷамоати таблиғ» маҳсуб мешавад, ки баъди солҳои 90-ум ба Тоҷикистон сар халонда, кӯшиш менамуд дар исломикунии Тоҷикистон ба қадри зарӯрӣ саҳм гузорад. Муҳаққиқи тоҷик Маҳмадиев Н.Д. дар монографияи илмиаш қайд менамояд, ки гурӯҳи Ҷамоати таблиғ тайи солҳои охир фаъолияти худро дар Тоҷикистон фаъол намуд[18]. Ин гурӯҳи динӣ – эътирозӣ ҳанӯз дар солҳои 80-уми асри XIX дар Ҳиндустони Шимолӣ ташкил ёфта, дар солҳои 40-уми асри XX ба худ шакли замонавӣ гирифт. Маркази он дар Деҳлӣ ҷойгир буда, аммо теъдоди зиёди пайравонаш дар Покистон қарор доранд.

Вазифаи аввалиндараҷаи гурӯҳи мазкур тағйироти ботинии мусулмонон, "рӯҳан пок сохтани онҳо" ба хотири беҳтар аз бар намудани таълимоти ислом ба шумор меравад. Ин гурӯҳ дар солҳои 90-уми асри гузашта ба тарғиби ғояҳои эҳёи исломӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, пардохта, фаъолияти худро то имрӯз идома медиҳанд. Аз рӯйи маълумотҳо, аз шабакаи «Таблиғ» барои ҷалби мусулмонҳои ҷавон аз кишварҳои исломӣ

[17] Д Назиров. Нашей безопасности никто не способен угрожать / Д. Назиров. [Электронный ресурс]. http: // www. news.tj /ru/news/tajikistan/security/20150505 (дата обращения 22.12.2017)
[18] Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане.-Душанбе, 2013. – С.88-99

ва дар солҳои 1992-1997 ба Тоҷикистон фиристодани онҳо варовон истифода шуда буд. [19]

Зербоби дуюм – **«Таъмини амнияти маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ – воситаи асосии муқовимат ба фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ»** номгузори шудааст. Аз рӯи сохтори худ ифротгароӣ падидаи мураккаб ба ҳисоб меравад, ки шаклҳои муайяни идеология ва унсурҳои худташкилнамоии гурӯҳиро доро мебошад. Мухолифат ба ифротгароӣ ва терроризмро наметавон танҳо бо чорабиниҳои қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳдуд намуд. Муносибати маҷмӯавии иштироки васеи тамоми ҷомеа, ҷалби тамоми низоми муассисаҳои фарҳангӣ ва соҳаи иҷтимоӣ дар мубориза ба ифротгароӣ ва терроризм зарур ҳисобида мешавад. Дар чунин ҳолат бисёр муҳим аст, ки нақшаву ғояҳои амалҳои ифротгароиро аз бунёди гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ фарқ намуд. Зарур аст, ки паҳн гардидани нигилизми ҳуқуқӣ саривақтӣ бартараф карда шавад. Аз ин хотир, зарурат пеш меояд, ки дар қонунҳои қабулгардида манфиат ва талаботи тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ, умумиятҳои иҷтимоӣ, ҷавонон, гурӯҳҳои этникӣ ба инобат гирифта шавад. Дар ин самт метавон аз воситаҳои ахбори умум, муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ фаровон истифода намуда дар асоси нерӯи зеҳнии онҳо ба муқобили гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ муқовимат намуд, ки дар таъмини амнияти маънавии ҷомеа нақши назаррас хоҳад гузошт.

Дар чунин ҳолат ба назар гирифтани қобилияти гузаронидани корҳои огоҳнамоиву пешгирии афроде, ки дар ин кор сафарбар мешаванд, хеле муҳим аст. Барои гузаронидани чораҳои пешгирикунанда ва бартараф намудани ифротгароӣ ва терроризм зарур аст, ки нозукиҳои ин падидаи мураккаб ошкор карда шавад. Зеро идеологҳои гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ вобаста ба сатҳи рушди фарҳанги маънавии ҷомеа барномаҳояшонро тарҳрезӣ менамоянд. Дар ҳолати баланд будани сатҳи фарҳанги маънавӣ намояндагони ифротгароӣ ва терроризм чандон дар ҷомеа мақом пайдо карда наметавонанд. Агар сатҳи фарҳанги маънавӣ дар ҷомеа коста бошад, таъсири ғояҳои радикалӣ дар он хеле зиёд мегардад ва бисёре аз афроди иҷтимоӣ, дар чунин шароит кӯшиш мекунанд, ки зиддиятҳои иҷтимоиро бо роҳи радикалӣ, ба таври куллӣ, бартараф намоянд. Дар натиҷа, ба амнияти маънавии ҷомеа хатарҳои ҷиддӣ таҳдид мекунад.

Ифротиён ба фарҳангу тамаддуни ғайриисломӣ ва динҳои дигар назари бад доранд ва он осори гаронбаҳоро аз байн бурдан мехоҳанд. Намунаи чунин рафтор дар Афғонистон ва Сурия ба назар расид, ки гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ ёдгории буддоиро нест кардан хостанд ва шаҳри дорои ёдгориҳои тоисломӣ ва динҳои дигар шаҳри Палмираро хароб кардан шуданд ва ба ин кор то ба ҳадде ноил ҳам гаштанд. Дар ин маврид, фаъолияти онҳоро ҷуз ваҳшоният чизи дигар гуфтан душвор аст.

---

[19] Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. Монография / Н.Д. Маҳмадиев. -Душанбе, 2013. – 173

Ба қавли файласуфи рус Н.В. Мотрошилова ҳатто дар давраи нав, давраи “модерн” ҳам, шаклҳои гуногуни барбарияту ваҳшонният метавонад ба вуҷуд биёяд. Барбарият муқобили тамаддун аст. Барбариятро дар замони ҳозира маҷмуи ҳодисаҳо, шаклҳо, тарзҳои фаъолияти одамон аст, ки ба куллӣ аз тамоюли тамаддунӣ, аз нишонаҳои тамаддун ва мутамаддин будан фарқ мекунанд[20]. Он шакли дағалонаи зуроварӣ буда, ба сангдилию бераҳмона такя менамояд ва натиҷаҳои ниҳоят харобиовар дошта, меъёрҳо ва аслҳои тамаддуни инсоният қабулнамударо халалдор сохта, хусусияти ғайриинсонӣ ба худ мегирад.

Дар шароити имрӯза ифротгароии динӣ дар байни ҷавонон босуръат паҳн гардида истодааст, ки аз якчанд омил вобаста аст. Метавон бӯҳрони фарҳангӣ, ахлоқӣ ва маънавиро чун омилҳои асосии паҳншавӣ ва рушди ифротгароӣ дар байни ҷавонон баррасӣ намуд. Илова бар ин, диққати нокифояи давлат ба масъалаҳои фароғатии ҷавонон, рушди фарҳангӣ ва тарбияи ахлоқиву маънавӣ боиси рушди босуръати ифротгароӣ дар байни ҷавонон мегардад. Вақте ҷавонон наметавонанд, ки масоили фароғатии худро ба таври муносиб таъмин кунанд, дар он ҳолат имкон дорад, ки онҳо ба авбошӣ ва ғояҳои ифротгароӣ ворид гарданд. Гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ аз ин вазъият васеъ истифода менамоянд ва ҷавононро ба доираи фаъолияти худ ҷалб менамоянд[21].

